**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Таҳқиқоти илмии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна ба яке аз масъалаҳои мубрами омодасозии омӯзгорони ояндаи забони англисӣ барои муассисаҳои таҳсилотии кишвар бахшида шудааст. Муҳаққиқ дар раванди кори таҳқиқотӣ кӯшиш намудааст роҳҳои самарабахши ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯёнро ду самт ҷустуҷӯӣ ва дарёфт намояд. Самти аввалро таҳлилу баррасии заминаҳои барномавӣ – методии амалкунандаи таълими забони англисӣ, таҷрибаи амалии иҷрои ин заминаҳо, сипас амалигардондани таълими забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои грамматикаи забони модарӣ, ки дар тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои омӯзгори накши муҳим дорад, дар бар гирифтаст.

Таҳқиқи илмии масъалаи мазкур имконият медиҳад, ки пеш аз ҳама мушкилоти ҷойдошта муайян карда шавад, мубрамияти ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар самти тайёрии касбии онҳо асоснок гардад, роҳҳои бартараф намудани мушкилотҳо аз нигоҳи илмӣ, тибқи талаботҳои пешрафти ҷомеа пешниҳод карда шудааст.

Ҳангоми кори таҳқиқотӣ Мавлонова И.Т. ба таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ такя намуда, заминаҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯёнро аз нигоҳи фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ асоснок намудааст, ки ин амал ҷабҳаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва амалии таҳқиқотӣ мазкурро дар бар гирифтааст. Вобаста ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқоти омилҳо ва муайянкунандаҳои психологию педагогии инкишофи қобилиятҳои коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён таҳлил карда шудааст, ки онҳо маҷмӯи маводҳои омӯзишии лингводидактикӣ, фанҳои сикли психологӣ – педагогӣ, иҷрои корҳои мустақилонаро дар бар гирифта, иштирок дар таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ, корҳои илмӣ – методӣ, илмӣ – таҳқиқотӣ онҳоро комил мегардонанд.

Дар кори таҳқиқотии мазкур таҳлили ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар заминаҳои забони тоҷикӣ аз рӯи барномаҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле арзишманд баҳо дода мешавад, чунки иҷрои талаботҳо оид ба ташаккулёбии қобилиятикоммуникативӣ – нутқии донишҷӯён аз мазмуни заминаҳои барномавӣ – методӣ бармеояд ва муваффақияти иҷрои талаботҳо ба фаъолияти касбии омӯзгори муассисаи таҳсилотӣ ва донишомӯзон алоқаманд аст.

Таҳлили асосҳои назариявии мавзӯи барномаҳои таълимӣ, муқаррарсозии вазъи таълими забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ имконият додааст, муҳтаво ва технологияи ташаккулёбии қобилияти

коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён мавриди кори омӯзишӣ – таҳқиқотӣ қарор дода шавад. Дар раванди таҳқиқот таъсири мутақобилаи забони англисӣ ва модарӣ дар аз худ намудани дониш, маҳорату малака ва фаъолияти нутқронии донишҷӯён махсус таъкид гардидааст.

Натиҷагирӣ аз марҳилаи асосии кори озмоишӣ – таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тибқи коркарди оморӣ дар ҷадвалҳо ҷой дода шудаанд, ки онҳо бо истифодаи технологияи омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ ба даст омадаанд. Дар кори диссертатсионӣ кори мустақилона ҳамчун воситаи самарабахш дар фаъолияти нутқронӣ ва иттилоотии донишҷӯён пазируфта шудаанд, ки дурустии он дар рафти кори озмоишӣ – таҷрибавӣ дар раванди ташкили луғатомӯзӣ исбот карда шудааст.

Маводҳои интишоршудаи муҳаққиқ, ки дар поёни автореферат оварда шудаанд бо мавзуъ ва мазмуни матн мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ – нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмии мустақил ба анҷомрасида аст ва унвонҷӯ Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна барои дарёфти дараҷаи номзади илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
мутахассиси Маркази таҳия, нашр
ва муомилоти китобҳои дарсии Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобоева М.Р.

Имзои М.Бобоеваро
Тасдиқ мекунам
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон — Раҷабзода Б.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС